**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6Д.КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Шакармамадов Ориф Нисормамадович дар мавзуи «Вижагиҳои жанрии ривоят ва тафовути он аз жанрҳои дигари насри шифоҳӣ (дар асоси маводи ривоятҳои мардуми Бадахшон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ**

Фолклори тоҷик, алалхусус жанри насрии он, ки бо таъсири ҳаводиси мухталифи зиндагӣ дар муҳити ҷуғрофӣ ва шароити таърихӣ-иҷтимоии махсус ба вуҷуд омада, аз унсурҳои муҳимми ҳаёти маънавии мардум қарор гирифт, қобили омӯзишу таҳқиқи ҳамаҷониба мебошад. Аз ибтидои солҳои шастуми садаи XX, дар баробари ҷамъоварии тамоми осори бадеии мардумӣ ва ба вуҷуд овардани захираи илмии дастхатҳо, яке аз шохаҳои он – насри халқӣ ба тарзи мунтазам ва ҷиддӣ мавриди тадқиқу таҳлил қарор мегирад. Солҳои охир дар таъйин намудани истилоҳоти нисбатан дақиқу аниқи илмии навъу намудҳои насри омиёна, ё худ мансуб ба эҷодиёти бадеии шифоҳӣ аз ҷониби фолклоршиносони таҷрибаандӯхтаи тоҷик кӯшиши пайгирона дарк мешавад.

Бо вуҷуди ин, қисме аз мавзуъ ва масоили батаҳқиқгирифташудаи фолклори тоҷик нафақат ҳанӯз ба омӯзишу таҳлили амиқтару дақиқтари илмӣ ниёз доранд, балки бисёре аз масоили дигари марбути ин сарвати бузурги маънавӣ ва фарҳангии мардумӣ аз доираи тадқиқот берун мондаанд. Алалхусус, чун дар фолклоршиносии кишварҳои дигар, дар фолклоршиносии тоҷик ҳам вижагиҳои жанрии навъу намудҳои ҷудогонаи асарҳои фолклорӣ ҳанӯз дуруст ва мушаххас таъйин нашудааст ва ё истилоҳи аниқи илмии онҳо ба вуҷуд наомадааст. Дар байни ривоят ва нақл ҳамчун жанрҳои алоҳидаи фолклорӣ ҳудуди аниқ гузоштан мушкил бошад ҳам, ҳар яки онҳо вижагиҳо ва тобишҳои хоси жанрӣ доранд, ки агар ин вижагиҳо ва тобишҳо бо камоли ҷиддӣ зимни маҷмуи маводҳои дақиқ мавриди омӯзиш қарор гиранд, истилоҳи аниқу мушаххаси онҳоро ба вуҷуд овардан мумкин мегардад.

Диссертатсияи Шакармамадов Ориф Нисормамадович ба таҳқиқ ва таҳлили ривоятҳои халқи тоҷик (дар мисоли матнҳои Бадахшони Тоҷикистон) бахшида шудааст. Муҳиммият ва мубрамияти мавзуъ дар он ифода ёфтааст, ки диссертант маҷмуи муҳимтарин масоили асарҳои насри халқии Бадахшон, хосса жанри ривоятро бори аввал дар асоси маводҳои фаровон ва муътамад таҳқиқ ва баррасӣ намудааст. Ба мушаххас ва таъин

намудани вижагиҳои жанрии навъу намудҳои насри лафзӣ дар фолклори Бадахшон то ин вақт ба таври ҷиддӣ касе машғул нашуда буд.

Доир ба ашё ва ҳодисаҳои табиат ва дар бораи ҳодисаҳои таърихӣ байни мардуми Кӯҳистони Бадахшон ривоятҳои зиёде интишор ёфтаанд, ки онҳо, гарчанде ҳамчун мавод, сарчашма ва манбаи боэътимод ба шумор раванд ҳам, то ба имрӯз мавриди таҳлили илмӣ қарор дода нашудаанд. Дар рисолаи пешниҳодшуда бори аввал дар илми фолклоршиносӣ таҳқиқи ривоятҳои мардуми Кӯҳистони Бадахшон, бо мақсади аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа тасниф кардан ва муайян намудани хусусиятҳои жанрии он, тафовут гузоштан байни ривояту дигар жанрҳои насрии халқӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст.

Дар натиҷаи таҳқиқу таҳлили намунаҳои зиёди ривоятҳо маълум гардид, ки ривоят, яке аз жанрҳои машҳур ва паҳншудатарини насри халқии тоҷикӣ, дар фолклори сокинони гуногунзабони Кӯҳистони Бадахшон низ мавқеи муҳим дорад. Ва дар байни мардум на фақат ривоятҳое, ки дар онҳо таъсири осори хаттӣ дида мешавад, интишор гашта қаринаҳои гуногун пайдо кардаанд, балки худи истеъдодҳои мардумии маҳаллӣ ҳам дар эҷоди намунаҳои зиёди ин жанр саҳмгузоранд. Бунёди таърихӣ-этнографӣ доштани сужаҳои алоҳидаи ривоят ошкор ва бо асотир, расму оин ва бовариҳои мардумӣ иртиботи мустаҳкам доштани он муайян гардиданд. Ҳамаи ин масъалаҳо барои аниқ намудани истилоҳи илмии жанри ривоят боис гардида, барои таҳлили тарафҳои дигари ин намуди асари шифоҳӣ замина мегузорад. Бар замми ин, таҳлили матни аслии ривоятҳо, ки бори аввал ба таври васеъ ба миён гузошта шуд, метавонад барои таҳқиқи дигар жанрҳои насри шифоҳӣ истифода шавад.

Аҳаммияти назарии кор дар он аст, ки натиҷаҳо ва хулосаҳои илмии тадқиқот метавонанд барои омӯзиши масъалаҳои умумӣ дар фолклоршиносии тоҷик роҳандозӣ шавад. Инчунин маводи он барои омӯзиши илмии ривоятҳои мардумии тамоми манотиқи Тоҷикистон мусоидат мекунад.

Аҳаммияти амалии тақиқ дар он аст, ки маводи рисола ҳамзамон барои муҳаққиқони соҳаҳои мухталифи ҷомеашиносӣ, аз ҷумла фалсафа, антропология, этнология ҳамчун сарчашмаи илмӣ ва оммавӣ хизмат мекунад. Баъзе аз мавод ва натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқи мазкур дорои аҳаммияти махсуси таълимӣ ва тарбиявӣ буда, метавонанд дар дарсҳои фолклори тоҷик, дар навиштани китобу дастурҳои тахассусии методӣ-таълимӣ барои омӯзгорону донишҷӯёни мактабҳои олӣ истифода шаванд.

Диссертатсияи О. Шакармамадов ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-

юми июни соли 2021 таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Таҳқиқоти мазкур кори мустақилонаи пажӯҳиши диссертант аст, ки он дорои мазмуни мукаммал ва мантиқист. Масъалагузорӣ, баррасии илмӣ ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда саҳми шахсии диссертантро дар фароҳам овардани таҳлили илмии кори диссертатсионӣ нишон медиҳанд. Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи О. Шакармамадов ба шиносномаи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ мувофиқат менамояд.

Илова бар ин, хулоса ва натиҷагириҳои илмии диссертант дар 1 брошюра, 1 маҷмуа, 19 мақола, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашршуда ифода гардидааст. Автореферат ва мақолаҳои зикршудаи диссертант ба пуррагӣ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Дар диссертатсия истифодаи маводи адабию илмӣ бо ишора ба муаллиф ва маъхаз аз рӯи банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ аз тарафи диссертант риоят шудааст. Мавзуи мавриди назар дар се бобу даҳ зербоби ҷудогона баррасӣ мешавад, ки онҳо аз нигоҳи мазмун ва муҳтаво мантиқан дар алоқамандии ҳамдигар қарор мегиранд.

Дар бахши хулосаи диссертатсия натиҷагириҳои илмии диссертант, нуктаҳои муҳим ва қобили мулоҳизаи таҳқиқот зикр мегардад. Аз ин лиҳоз, метавон натиҷагирӣ кард, ки хулосаҳои кори диссертатсионӣ ҷавобгӯйи вазифаҳои он буда, нуктаҳои асосии барои ҳимоя пушниҳодушуда ва мақсади асосии онро асоснок менамоянд. Дар бахши тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натоиҷи таҳқиқ диссертант дурнамои минбаъдаи омӯзиши мавзуъ ва дигар масъалаҳои ба он вобастаро мушаххас месозад.

Бо дарназардошти нуктаҳои зикргардида комиссияи экспертӣ таъкид менамояд, ки диссертатсияи номзадии Шакармамадов Ориф Нисормамадович дар мавзуи «Вижагиҳои жанрии ривоят ва тафовути он аз жанрҳои дигари насри шифоҳӣ (дар асоси маводи ривоятҳои мардуми Бадахшон)»-ро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи номзадии Шакармамадов Ориф Нисормамадович дар мавзуи «Вижагиҳои жанрии ривоят ва тафовути он аз жанрҳои дигари насри шифоҳӣ (дар асоси маводи ривоятҳои мардуми Бадахшон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6Д.КОА-067-и назди

Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмиашон ба ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамоянд:

- **Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир** – доктори илмҳои филологӣ, мудири кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

- **Аминов Абдулфатоҳ Ҳакимович** – номзади илмҳои филологӣ, директори Муассисаи давлатии «Пажуҳишгоҳи илмӣ-тдқиқотии фарҳанг ва иттилоот»-и Вазорати фарҳанг

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузаштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаи Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои филологӣ,
профессор, узви шурои диссертатсионӣ — Раҳмонов Р. Қ.

Аъзои комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои филологӣ,
профессор, узви шурои диссертатсионӣ — Қурбонзода Р. Қ.

Аъзои комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои филологӣ,
профессор, узви шурои диссертатсионӣ — Давлатбеков Л. М.

«3» январи соли 2025